## Шарҳи моҳонаи таваррум • Апрели 2023

**Сатҳи таваррум[1] дар моҳи апрели соли 2023 ба 0,5 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба ҳамин моҳи соли қаблӣ ба андозаи 0,2 банди фоизӣ (б.ф.) кам мебошад.**

Дар моҳи баррасишаванда болоравии сатҳи нархҳо асосан аз ҳисоби афзоиш ёфтани нархи маҳсулоти хӯроквории 0,9 фоиз (саҳм дар таваррум 0,4 б.ф.) ва молҳои ғайрихӯрокворӣ 0,4 фоиз (0,1 б.ф.) ба амал омад. Арзиши хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ бошад, раванди коҳишёбӣ дошта, бо нишондиҳандаи манфии -0,2 фоиз ҷамъбаст гардид.

Дар сохтори маҳсулоти хӯрокворӣ асосан болоравии нархи биринҷ 2,7 фоиз, тухм 9,5 фоиз, гӯшти гӯсфанд 5,0 фоиз, себ 6,7 фоиз, ангур 5,6 фоиз, помидор 14,8 фоиз, сабзӣ 17,7 фоиз ва ғайра ба қайд гирифта шуд. Раванди мазкур асосан дар натиҷаи таъсири омилҳои мавсимӣ, кам шудани истеҳсол ва захира бинобар сард омадани фасли зимистон арзёбӣ мегардад, ки дар натиҷа дар сатҳи зарурӣ таъмин нагардидани бозори дохилӣ аз маҳсулотҳои ватанӣ ба амал омад.

Дар баробари ин, арзоншавии нархи баъзе аз маҳсулоти хӯрокворӣ, аз ҷумла нархи орди навъи якум 2,8 фоиз, бодиринг 48,1 фоиз, пиёз 10,7 фоиз ва ғайра ба назар расид.

Аз молҳои ғайрихӯрокворӣ бошад, афзоиши нархи маводи доруворӣ 1,9 фоиз, масолеҳи таъмир ва сохтмон 0,9 фоиз, инчунин либос ва пойафзол 0,6 фоиз мушоҳида гардид.

Дар моҳи апрели соли ҷорӣ тибқи маълумоти омори расмӣ сатҳи таваррум дар кишварҳои минтақа, аз ҷумла Туркия 2,4 фоиз, Қазоқистон 0,9 фоиз, Ӯзбекистон 0,8 фоиз, Белорус 0,4 фоиз, Русия 0,4 фоиз, Қирғизистон 0,2 фоиз, Арманистон 0,1 фоиз ва Гурҷистон -0,7 фоизро ташкил намуд.

**Таварруми моҳона ва солона (бо фоиз)**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ ва саҳми сохтории онҳо дар таварруми солона (бо фоиз)**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Сатҳи таваррум дар кишварҳои шарикони савдо ва минтақа (бо фоиз)**
(манбаъ: Мақомоти омори давлатҳо)

| Кишварҳо | Таварруми моҳона (апр с. 2023) | Таваррум янв.-апр с.2023 | Таварруми солона (апр с.2023) |
|---|---|---|---|
| Туркия | 2,4 | 15,2 | 43,7 |
| Қазоқистон | 0,9 | 4,3 | 16,8 |
| Ӯзбекистон | 0,8 | 3,2 | 11,0 |
| **Тоҷикистон** | **0,5** | **2,3** | **3,4** |
| Белорус | 0,4 | 3,0 | 4,7 |
| Россия | 0,4 | 2,1 | 2,3 |
| Қирғизистон | 0,2 | 3,4 | 10,7 |
| Арманистон | 0,1 | 0,9 | 3,2 |
| Гурҷистон | -0,7 | -0,5 | 2,7 |

**Сатҳи таварруми солона бошад, дар моҳи апрели соли ҷорӣ ба 3,4 фоиз баробар гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 3,9 банди фоизӣ кам мебошад.**

Сатҳи таварруми солона дар моҳи апрели соли ҷорӣ дар кишварҳои шарикони савдо ва минтақа, аз ҷумла Туркия 43,7 фоиз, Қазоқистон 16,8 фоиз, Ӯзбекистон 11,0 фоиз, Қирғизистон 10,7 фоиз, Белорус 4,7 фоиз, Арманистон 3,2 фоиз, Гурҷистон 2,7 фоиз ва Русия 2,3 фоизро ташкил менамояд.

Сатҳи таварруми аслӣ, ки қисман омилҳои монетариро инъикос менамояд, дар моҳи апрели соли ҷорӣ бетағйир боқӣ монда, бо арзёбии солона бошад, ба 2,2 фоиз баробар гардид.

**Бонки миллии Тоҷикистон минбаъд низ ҷиҳати дар сатҳи мувозинат нигоҳ доштани ҳаҷми пул ва коҳиш додани таъсири омилҳои монетарӣ ба сатҳи таваррум татбиқи сиёсати пулию қарзиро идома хоҳад намуд.**

**Таварруми аслии солона (бо фоиз)**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ




[1] - тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Намояи нархҳои истеъмолӣ (таваррумӣ солона бо фоиз)***

| | Вазн,% | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | | | | | | | 2023 | | | | Апрел тағйирёбии моҳона,% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | Январ | Март | Июн | Сентябр | Октябр | Ноябр | Декабр | Январ | Феврал | Март | Апрел | |
| **Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасонӣ** | **100,0** | **8,0** | **9,4** | **8,0** | **7,8** | **7,3** | **8,3** | **5,7** | **5,2** | **4,5** | **4,2** | **4,3** | **4,5** | **3,6** | **3,4** | **0,5** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **48,1** | **11,4** | **13,5** | **7,5** | **6,8** | **7,2** | **9,6** | **7,9** | **6,1** | **5,7** | **5,2** | **5,3** | **5,5** | **4,3** | **3,7** | **0,9** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 15,1 | 16,5 | 13,8 | 4,0 | 4,8 | 11,0 | 24,6 | 13,0 | 7,8 | 7,3 | 4,7 | 2,5 | 1,7 | -2,6 | -6,6 | -0,7 |
| Биринҷ | 2,8 | 7,6 | 3,2 | -7,5 | -7,5 | -5,7 | -1,2 | 1,7 | 3,3 | 7,4 | 9,1 | 15,9 | 18,1 | 21,6 | 24,7 | 2,7 |
| Орд | 8,6 | 21,0 | 16,4 | 8,0 | 8,8 | 18,0 | 38,3 | 18,3 | 10,5 | 8,3 | 2,8 | -4,8 | -6,6 | -12,6 | -19,2 | -2,8 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 7,3 | 21,8 | 5,7 | 15,1 | 15,3 | 9,8 | 0,3 | -2,4 | -3,3 | -3,1 | -0,8 | 0,0 | 0,0 | -0,2 | 0,9 | 0,3 |
| Гӯшти гов | 3,9 | 25,9 | 6,2 | 14,9 | 15,1 | 7,7 | -4,9 | -8,5 | -9,6 | -8,4 | -4,8 | -3,6 | -3,8 | -2,5 | -1,2 | -0,1 |
| Тухм | 1,5 | 6,3 | 18,9 | -14,4 | -24,0 | -21,2 | -12,1 | 17,4 | 25,1 | 41,0 | 43,1 | 48,3 | 37,8 | 40,4 | 49,0 | 9,5 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 1,9 | 6,4 | 4,3 | 8,9 | 7,7 | 23,6 | 23,9 | 25,4 | 25,1 | 26,1 | 25,4 | 28,8 | 25,9 | 14,7 | 11,9 | -0,7 |
| Шир | 0,5 | 7,3 | 5,6 | 4,3 | 4,0 | 15,4 | 21,3 | 11,6 | 14,5 | 16,1 | 20,4 | 23,2 | 16,0 | 18,5 | 17,7 | -0,9 |
| Равғани рустанӣ ва ҳайвонот | 4,6 | -1,7 | 42,3 | 20,8 | 20,5 | 12,4 | 4,3 | -2,7 | -6,5 | -8,6 | -10,6 | -11,3 | -10,0 | -11,2 | -17,5 | -5,1 |
| Меваҷот | 4,1 | -2,2 | 4,7 | -6,7 | -6,6 | -8,3 | -6,1 | -8,8 | -5,5 | -6,7 | -6,9 | -5,8 | -5,5 | 1,5 | 4,2 | 5,6 |
| Сабзавот | 6,8 | 15,4 | 5,8 | 16,4 | 11,6 | 6,3 | 1,8 | 14,9 | 14,4 | 10,6 | 12,1 | 14,8 | 18,6 | 23,1 | 30,2 | 2,1 |
| Шакар | 1,9 | -5,1 | 40,8 | 4,4 | 4,3 | 6,9 | 22,0 | 12,0 | 10,0 | 5,8 | 6,2 | 2,0 | -0,2 | -9,1 | -9,6 | 6,2 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,4 | 8,1 | -2,2 | -0,7 | 0,6 | 2,6 | 5,5 | 14,6 | 14,5 | 14,5 | 14,0 | 13,4 | 13,4 | 13,1 | 12,4 | 0,0 |
| **Хӯроки умумӣ**** | **1,3** | **3,0** | **5,9** | **3,3** | **3,3** | **3,3** | **3,5** | **6,7** | **4,9** | **4,9** | **5,5** | **6,0** | **6,7** | **6,7** | **6,7** | **0,0** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **2,0** | **1,0** | **5,0** | **5,8** | **5,7** | **6,2** | **6,0** | **5,9** | **5,5** | **5,5** | **2,9** | **2,8** | **2,8** | **1,5** | **1,3** | **0,0** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **31,8** | **4,2** | **5,8** | **7,5** | **7,8** | **6,3** | **6,6** | **4,7** | **3,8** | **3,8** | **3,9** | **4,1** | **4,4** | **3,5** | **3,8** | **0,4** |
| Либос ва пойафзол | 11,3 | 13,4 | 4,5 | 2,8 | 3,2 | 2,4 | 3,4 | 2,5 | 2,0 | 3,0 | 4,0 | 4,1 | 4,2 | 4,3 | 5,0 | 0,6 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 4,2 | 4,9 | 8,0 | 8,0 | 6,8 | 7,8 | 8,3 | 7,9 | 7,5 | 7,2 | 3,8 | 4,2 | 4,2 | 2,9 | 3,3 | 0,9 |
| Маводи шустушӯй | 2,0 | 3,3 | 10,1 | 4,6 | 5,2 | 5,1 | 13,6 | 17,9 | 17,2 | 22,1 | 22,6 | 24,9 | 24,8 | 24,2 | 21,6 | 0,0 |
| Доруворӣ | 2,9 | 13,0 | 7,8 | -0,7 | 4,2 | 7,4 | 8,7 | 10,3 | 10,1 | 10,0 | 11,2 | 7,0 | 7,3 | 5,1 | 6,9 | 1,8 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 2,0 | -5,7 | -6,1 | 63,0 | 54,6 | 33,2 | 18,1 | -3,8 | -8,2 | -15,0 | -21,2 | -25,1 | -22,0 | -26,9 | -25,1 | -0,7 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 1,2 | -9,9 | 14,8 | 2,7 | 2,7 | 5,1 | 4,7 | 1,5 | -5,2 | -5,4 | -1,7 | 3,1 | 3,1 | 1,1 | -0,2 | -1,3 |
| Васоити нақлиёт | 1,1 | 0,8 | 3,2 | 2,9 | 4,0 | 1,5 | 1,5 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 1,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,0 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,8 | 3,8 | 8,8 | 3,7 | 4,1 | 3,2 | 3,1 | 4,9 | 5,3 | 5,7 | 5,4 | 5,3 | 5,4 | 4,8 | 3,9 | 0,0 |
| **Хизматрасониҳо** | **16,7** | **5,5** | **4,0** | **11,3** | **11,5** | **9,9** | **8,4** | **1,3** | **5,0** | **2,4** | **2,0** | **1,9** | **2,1** | **2,1** | **2,2** | **-0,2** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 5,7 | 9,1 | 1,8 | 13,1 | 13,2 | 10,1 | 5,2 | -5,3 | 5,4 | 5,8 | 4,4 | 3,2 | 5,6 | 4,3 | 5,2 | -0,1 |
| Иҷорапулии манзил | 0,2 | 2,8 | 6,0 | -1,1 | -0,9 | 3,7 | 4,5 | 5,9 | 5,4 | 7,0 | 7,0 | 8,0 | 8,0 | 3,2 | 3,2 | 0,0 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 0,8 | 4,3 | 0,0 | 0,2 | 0,2 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 3,2 | 16,2 | 0,7 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 17,3 | 17,3 | 17,3 | 17,3 | 17,3 | 17,3 | 17,3 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,0 | 0,6 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 0,0 |
| Газ | 1,1 | -5,9 | 4,0 | 66,1 | 66,6 | 44,4 | 13,1 | -23,7 | -21,0 | -20,8 | -29,6 | -46,8 | -39,1 | -42,2 | -41,3 | -3,6 |
| Нақлиёт | 4,3 | 3,7 | 3,0 | 22,4 | 22,4 | 19,5 | 19,2 | 9,3 | 8,9 | -1,1 | -1,2 | 0,5 | -1,4 | -0,2 | -1,0 | -0,8 |
| Алоқа | 2,0 | 0,1 | 9,0 | 0,1 | -0,7 | -0,7 | -0,6 | -0,7 | -0,7 | -0,7 | -0,7 | 0,2 | 0,2 | 0,1 | 0,1 | 0,0 |
| Маориф | 1,8 | 1,5 | 9,3 | 7,8 | 8,2 | 8,2 | 8,3 | 0,7 | 1,4 | 1,4 | 1,4 | 1,4 | 1,4 | 1,3 | 1,2 | 0,0 |
| Тандурустӣ | 1,1 | 15,6 | 0,4 | 0,1 | 0,3 | 1,1 | 2,1 | 2,1 | 2,1 | 2,0 | 2,0 | 1,9 | 1,1 | 1,0 | 0,5 | 0,0 |
| Маишӣ | 1,6 | 3,8 | 6,7 | 1,7 | 2,8 | 3,2 | 4,1 | 4,5 | 3,8 | 3,8 | 5,0 | 3,9 | 3,9 | 3,9 | 4,1 | 0,2 |

*- Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои серистеъмоли аҳолиро дар бар мегирад. Маълумоти пурра оид ба номгӯи маҳсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо